# ТАҚРИЗ

**ба диссертатсияи Абдуллоев Зафарҷон Асҳобович дар мавзуи «Такмили низоми идоракунии кормандон дар шароити рақамикунонӣ(дар мисоли меҳмохонаҳои шаҳри Душанбе)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.12 – Иқтисодиёти меҳнат пешниҳод шудааст.**

Абдуллоев Зафарҷон Асҳобович, 20 – уми июли соли 1984 таваллуд шудааст, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Соли 2002 – 2007 донишҷӯи Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон.

Соли 2007 Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистонро аз рӯи ихтисоси менеҷменти туризм ва хоҷагиҳои меҳмонхонаву тарабхона бо дипломи аъло хатм кардааст.

Аз соли 2007 то соли 2010 ассистенти кафедраи менеҷмент.

Аз соли 2010 то инҷониб муаллими калони кафедраи менеҷмент, ҳоло муаллими калони кафедраи менеҷмент ва маркетинг мебошад.

Диссертатсия дар кафедраи менеҷмент ва маркетинги Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон иҷро гардидааст. Мавзуи диссертатсияи Абдуллоев Зафарҷон дар ҷаласаи Шӯрои олимони донишгоҳ аз 6 – уми марти соли 2018, қарори №9 тасдиқ гардидааст.

Яке аз самтҳои муҳими сиёсати иҷтимоию иқтисодии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон солҳои охир ин дастгирӣ ва рушди сармояи инсонӣ ба ҳисоб меравад. Мусаллам аст, ки такмилдиҳии низоми идоракунии кормандони меҳмонхонаҳо дар шароити рақамикунонӣ маҳз аз нерӯи созанда, санъату маҳорат ва ташаккули сармояи инсонӣ вобастагии зиёд дорад. Дар баробари мутобиқшавӣ ба муҳити тағйирёбандаи иқтисодиёти муосир, рушди фазои рақамӣ, ҳамкории тарафайни бевоситаи зерсохторҳои соҳаи сайёҳӣ имкон медиҳад масоили зиёди мушкилоти омодасозӣ, интихоб, ҷобаҷо гузорӣ, мутобиқшавӣ, ташаккул ва такмили сиёсати кадрӣ дар меҳмонхонаҳо, истифодаи технологияҳои нав, таъмини шуғли аҳолӣ дар якҷоягӣ бо баланд бардоштани сатҳи зиндагӣ ва рушди стртаегияи иқтисоди миллӣ ҳалу фасл карда шаванд.

Кори диссертатсионӣ аз муқаддима, се боби матни асосӣ, хулоса, рӯйхати адабиёт иборат аст. Муҳтавои асосии таҳқиқот дар 195 саҳифа оварда шудааст, 17 ҷадвал ва 26 расмро дар бар мегирад. Рӯйхати адабиёт аз 196 номгӯй иборат аст.

Дар ҷараёни таҳқиқоти диссертатсионӣ АбдуллоевЗ.А. бо истифода аз методҳои илмӣ дар самти тавсеаи донишҳо доир ба такмилдиҳии низоми идоракунии кормандони меҳмонхонаҳо дар шароити рақамикунонӣ ба натиҷаҳои назарраси илмӣ ноил гардидааст.

Натиҷаҳои асосии таҳқиқот ва навоварии илмӣ.

1. Аз ҷониби муаллиф равишҳои муайян намудани моҳияти идоракунии кормандон: қабул, интихоби кадрҳо, рақамикунонӣ, захираҳои иттилоотию иҷтимоӣ ва ба низом даровардани он;

2. Муаллиф зикр менамояд, ки дар асоси низомнокӣ ва таҳлили назарияи механизми хоҷагидорӣ усули нави муайян кардани механизми интихоби кадрҳо; зери таъсири трансформатсияи рақамӣ, ки ҳоло механизми рақамии интихоби кадрҳо ташаккул ёфтаистодааст;

3. Диссертант масоили омодасозии кормандони меҳмонхона дар шароити ташаккули рақамикунониро муйян намудааст;

4. Ҳангоми таҳқиқот муайян гардидааст, ки тамоюлҳои ҷорӣ дар бозори меҳнат, ки дар зери таъсири рушди захираҳои иттилоотии иҷтимоӣ ва рақамикунонии равандҳои бизнес ба вуҷуд меоянд, муайян ва ба низом дароварда шудаанд, ки инҳоро дар бар мегиранд: афзоиши мунтазами шуғли ғайрирасмӣ дар шакли фрилансер, нигоҳ доштани ҳиссаи кормандони дар кори дурдаст; рушди платформаи шуғл; давомнокии баланди эҳтиёҷоти аҳолӣ ба истифодаи шабакаҳои иҷтимоӣ; афзоиши талабот ба платформаҳои рақамӣ барои ҷустуҷӯ ва ҷалби кадрҳо аз бекорон ва корфармоён.

5. Амсилаи иқтисодию математикӣ бодарназардошти баҳодеҳӣ омилҳои таъсиррасон барои интихоби кадрҳо таҳия шудааст.

6. Баҳодиҳии корманд: шакл ва усулҳои баҳодиҳии кормандон дар меҳмонхона ба роҳ монда шудааст.

7. Аз ҷониби муаллиф маҷмӯи тадбирҳо оид ба ташаккули меъёрҳои институтсионалӣ интихоби кадрҳои рақамӣ ва механизми ташкилию иқтисодӣ андешида шудааст.

Мавзуи диссертатсия ба бандҳои зерини Шиносномаи ихтисосҳои кормандони илм аз рӯйи ихтисоси 08.00.12– Иқтисодиёти меҳнат мутобиқ мебошад: 1. Асосҳои назариявӣ ва методологии иқтисодиёти меҳнат; назария ва консепсияҳои рушди муносибатҳои иҷтимоӣ-меҳнатӣ (назарияи шуғл, бозори меҳнат, идоракунии кормандон ва ғайра); 2. Захираҳои меҳнатӣ ҳамчун омили муҳими рушди иқтисодӣ ва самаранокии иқтисодию иҷтимоии он; 4. Тавсифи микдорӣ ва сифатии захираҳои меҳнатӣ, сармояи инсонӣ; 7. Ҳавасмандгардонӣ ва музди меҳнати кормандон; ташкили музди меҳнат ва таъмини алоқамандии он

бо тахассуси кормандон ва самаранокии истеҳсолот; функсияи такрористеҳсолӣ ва ҳавасмандгардонии музди меҳнат; 8. Масоили сифати нерӯйи корӣ, тайёркунӣ, ташаккули салоҳияти касбӣ, бозомӯзӣ ва такмили ихтисоси кадрҳо; ташаккули рақобатпазирии кормандон; роҳнамоии касбии аҳолӣ; ҳаракати кормандон; 20. Таҷрибаи хориҷии танзими муносибатҳои иҷтимой-меҳнатӣ ва дурнамои истифодаи он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқ мебошад.

Заминаҳои назариявию методологиии таҳқиқот - ин назарияи заминасози иқтисодӣ, корҳои илмии олимони шинохтаи ватанӣ ва хориҷӣ оид ба такмилдиҳии низоми идоракунии кормандони меҳмонхонаҳо дар шароити рақамикунонӣ; заминаҳои меъёрӣ- ҳуқуқӣ оид ба масъалаҳои муҳимтарини иқтисодиёт ва рушди бизнеси меҳмонхонаҳо, барномаҳои мақсадноки давлатӣ, минтақавӣ ва маҳаллӣ мебошанд.

Дар тадқиқот аз вобастагӣ ба масъалаҳои ҳалталаби дар пешгузошташуда чунин усулҳои тадқиқот истифода бурда шуданд: иқтисодӣ-оморӣ, абстрактӣ – мантиқӣ, монографӣ, ҳисобӣ-конструктивӣ, таҳлили оморӣ, мушоҳидаҳои шахсии муаллиф ва ғайра.

Эътимоднокии натиҷаҳои диссертатсия аз он иборат аст, ки дар он як қатор хулосаҳо ва як қатор тавсияҳо оид ба такмилдиҳии низоми идоракунии кормандони меҳмонхонаҳо дар шароити рақамикунонӣ пешниҳод гаштаанд. Пешниҳодоти илмии муаллифро метавонанд аз тарафи Кумитаи рушди сайёҳӣ назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ассосиатсияи меҳмонхона ва тарабхонаҳо, меҳмонхонаҳо ва зерсохторҳои сайёҳӣ истифода намоянд.Тавсияҳои назариявӣ ва методӣ, ки дар диссертатсия оварда шудаанд, дар ҷараёни таълими Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон тадбиқ карда шудаанд ва дар таълими фанҳои идоракунии кормандон, менеҷменти кадрӣ, иқтисодиёт ва иҷтимоиёти меҳнат, менеҷмент, навиштани корҳои курсӣ ва рисолаҳои хатм истифода бурда мешаванд.

Хулоса ва пешниҳодоти муаллифи диссертатсия дар ташкили раванди таълими Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон ҳангоми гузаронидани машғулиятҳо, таҳияи барномаҳои корӣ ва дастурҳои таълимӣ аз рӯи фанҳои соҳавии иқтисодӣ – «Идоракунии кормандон», «Менеҷмент», «Менеҷменти кадрӣ», «Менеҷменти вақт» ва ғайра татбиқ шудаанд.

Имтиҳонҳои минимуми номзадии зерин супорида шудаанд (Шаҳодатномаи 574): аз таърих ва фалсафа (19.06.2010, баҳо 4 «хуб») забони англисӣ (02.11.2011, баҳо 4 «хуб»), ва ихтисос (16.01.2024 баҳо 5 «аъло»).

Дар парвандаи аттестатсионӣ рӯйхати корҳои илмӣ мавҷуданд, ки онҳо ба мавзӯи диссертатсионӣ дахл дошта, бо шумораи 27 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 7 мақола дар маҷаллаҳои тақризшаванда, ки аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр гардидаанд.

Абдуллоев З.А. дар ҷараёни фаъолияти бирёрсолаи илмию омӯзгориаш, худро ҳамчун корманди соҳибтахассус нишон идода дар ҳамбастагӣ корҳои таълимӣ, таълимию методӣ ва таҳқиқотию илммиро муvафақона ба сомон расонидааст.

Абдуллоев З.А. ҳамчун корманди соҳаи илм дорои хислатҳои ҷустуҷуву омӯзиши пайваста, эҷодкориву ҳадафмандӣ, қобилияти баланди меҳнатӣ ва масъулиятшиносӣ, маҳорати дар сатҳи баланд роҳандозӣ намудани корҳои илмию таҳқиқотӣ, таҳлил ва қабули қарорҳои мустақил ва муайянсозии роҳҳои ноилшавӣ ба ҳадафу вазифаҳои гузоштошуда мебошад.

Кори диссертатсионии тақризшаванда дар мавзуи «Такмили низоми идоракунии кормандон дар шароити рақамикунонӣ(дар мисоли меҳмонхонаҳои шаҳри Душанбе)» анҷомёфта буда, аз рӯи натиҷаҳои назариявӣ ва амалии худ ҷавобгӯй ба талаботҳои Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвонҳои илмӣ мебошад.

Абдуллоев Зафарҷон Асҳобович бомуваффақият аз уҳдаи мақсаду вазифаҳои таҳқиқотии гузоштошуда баромад ва барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.12 – Иқтисодиёти меҳнат сазовор мебошад.

Ҳамин тавр, таҳқиқоти диссертатсионӣ мантиқан кори мустақили илмию таҳқиқотии дорои муҳимияти муҳими иҷтимоию иқтисодии ҳалли масъалаҳои илми ҳисобида шуда, барои ҳимоя тавсия дода мешавад.

**Роҳбари илмӣ:**
**н.и.и., дотсенти кафедраи**
**менеҷмент ва маркетинг** **Мирзоалиев А.А.**

Имзои н.и.и. дотсент, дотсенти кафедраи менеҷмент ва маркетинг А.А. Мирзоалиев–ро тасдиқ менамоям:

**Сардори шуъбаи кадрҳо ва**
**корҳои махсуси ДДТТ** **Пирзода С.С.**